# К О Н У Н И

# ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН

**«Дар бораи муковимат бо вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният.**

Конуни мазкур асосхои хукукии амалӣ намудани мачмӯи чорабинихои муковиматро ба пахншавии **вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният** танзим намуда, риояи хукукхои шахрвандӣ, сиёсӣ, иктисодӣ, ичтимоӣ, фархангӣ ва озодихои асосии инсонро дар бар мегирад ва барои пешгирии пахншавии сирояти **вируси норасоии масунияти одам**, кам кардани сустии одамон ба мубталошавӣ ба беморӣ, расонидани ёрии тахасуссии тиббӣ ба одамони гирифтори **вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният** ва осон гардонидани окибатхои он дар дарачаи инфиродӣ ва ичтимоӣ нигаронда шудааст.

;

**Бобби I**

**Мукаррароти умумӣ**

**Моддаи 1. Мафхумхои асосӣ**

## Мафхумхои асосии зерин дар Конуни мазкур истифода мешаванд:

Вируси норасоии масунияти одам;

Сирояти вируси норасоии масунияти одам– бемории давомнокест, ки вируси норасоии масунияти одам ба вучуд овардааст;

Шахсони сироятшудаи вируси норасоии масунияти одам – шахсоне, ки гирифтори вируси норасоии масунияти одам шудаанд (шахсони хомили вируси норасоии масунияти одам ва **бемории пайдошудаи норасоии масуният**
);

Бемории пайдошудаи норасоии масуният – давраи охирини сирояти вируси норасоии масунияти одам;

Бемории пайдошудаи норасоии масуният – шахсони дорои зухуроти клиники беморӣ, ки ба он зарари **аники** расонидани вируси норасоии масунияти бадан ба низоми масунияти бадан хос аст;

Дорухои **зидди ретровирусӣ** – дорухои тиббие мебошанд, ки тавасути таъсири онхо ба вируси норасоии масунияти одам дар организми шахси сироятшуда микдори вирусхо кам шуда, хаёти шахси сироятшудаи ба вируси норасоии масунияти одам дароз

мегардад.

**Моддаи 2. Конунгузорӣ дар бораи муковимат ба** вируси норасоии масунияти одам **ва** бемории пайдошудаи норасоии масуният.

Конунгузорӣ дар бораи муковимат бо вируси норасоии масунияти одам **ва** бемории пайдошудаи норасоии масуният ба Конститутсияи (Сарконуни) Чумхурии Точикистон асос ёфта, аз Конуни мазкур ва дигар санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон, инчунин санадхои хукукии байналмилалие, ки Чумхурии Точикистон эътироф кардааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Татбики Конуни мазкур**

Амали Конуни мазкур ба шахрвандони Чумхурии Точикистон, шахрвандони  хоричӣ, гурезахо, мухочирони ичборӣ ва шахсони бешахрванд пахн мегардад.

Конуни мазкур нисбат ба муассисаю ташкилот ва корхонахое, ки дар каламрави Чумхурии Точикистон бо тартиби мукарраршуда ба кайд гирифта шудаанд, новобаста аз шаклхои ташкилию хукукии онхо татбик карда мешавад.

Моддаи 4. Сиёсати давлатии Чумхурии Точикистон дар муковимат бо

вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният

Сиёсати давлатии Чумхурии Точикистон оид ба пешгирӣ ва муковимат бо вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар асоси конуни мазкур, дигар конунхо ва санадхои меъёрии хукукии Чумхурии Точикистон, ки мутобики хамин конун кабул карда мешаванд, дар амал татбик карда мешавад.

Давлат кафолат медихад:

- мутобики конунгузории Чумхурии Точикистон риояи хамаи хукук ва озодихоро нисбат ба одамони аз вируси норасоии масунияти одам сироятёфтаю беморони бемории пайдошудаи норасоии масуният ва аъзои оилаи онхо;

- амалисозии назорати эпидемиологии пахншавии сирояти вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар каламрави Чумхурии Точикистон бо назардошти риоя ва афзалияти хукуки инсон, пинхонӣ будани ташхис ва риояи усулхои махфӣ анчом додани он;

- расонидани кӯмаки ройгони босифат ва аз чихати илмӣ асосноки тахассуси тиббӣ ва ичтимоию равоншиносӣ барои шахсони мубталои вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният;

- дастрас ва бехатар будани азназаргузаронии тиббӣ барои ошкор сохтани сирояти вируси норасоии масунияти одам, аз чумла азназаргузаронии пинхонӣ;

- дастрас ва саривактӣ будани кӯмаки тиббӣ ва ичтимоию равоншиносӣ;

- таъмини воситахои пешгирӣ, ташхис ва табобати сирояти вируси норасоии масунияти одам, инчунин назорат ба бехатарии маводхои тиббӣ, моеъхои биологӣ ва бофтахое, ки бо максадхои ташхис, муолича ва илмӣ истифода бурда мешаванд;

- инкишоф додани тадкикоти илмӣ оид ба проблемахои вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният;

- мунтазам ба ахолӣ додани иттилоот оиди пешгирии пахншавии сирояти вируси норасоии масунияти одам, аз чумла тавассути воситахои ахбори омма;

- кабули даврии барномаи давлатии мубориза бар зидди вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният;

- инкишоф додани хамкории байналмилалӣ ва мубодилаи доимии ахборот дар доираи барномахои байналмилалии муковимат бо вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният.

Чорахои муковиматро бо вируси норасоии масунияти одам ва бемории норасоии масунияти одам Хукумати Чумхурии Точикистон ва макомоти махаллии хокимияти

давлатӣ амалӣ мегардонад. Дар татбики чорахо оид ба муковимат бо вируси норасоии масунияти одам ва бемории норасоии масуният корхонахо, муассисахо, ташкилотхо, иттиходияхои чамъиятӣ сарфи назар аз шаклхои ташкилию хукукӣ, аз чумла иттиходияхои байналмилалӣ, инчунин шахсони вокеӣ, аз чумла шахрвандони хоричӣ иштирок карда метавонанд. Давлат дастгирии ин шахсони вокеӣ ва хукукиро дар татбики барномахои мазкур кафолат медихад.

**Моддаи 5. Маблаггузории фаъолият оид ба муковимат бо** вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният

Маблаггузории фаъолият оид ба муковимати **комплексӣ** бо вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният хусусияти афзалиятнок дорад.

Маблаггузории чорабинихо оид ба муковимат ба пахншавии вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният аз хисоби манбаъхои зерин сурат мегирад:

- маблаги бучети давлатӣ;

- маблаги ф**ондхои** максаднок;

- маблаге, ки барои сугуртаи тиббии ихтиёрӣ ва хатмӣ равона карда мешавад;

- сахмияхои ихтиёрӣ ва хайрияи шахсони вокеӣ ва хукукӣ;

- дигар манбаъхои маблаггузорие, ки конунгузории Чумхурии Точикистон манъ накардааст.

Маблаггузории чорабинихои вобаста ба пешгирӣ ва мубориза бар зидди вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният мутобики конунгузории Чумхурии Точикистон тавассути чалби воситахои молиявӣ ба Фонди миллии бемории пайдошудаи норасоии масуният (минбаъд - Фонд), ки фаъолияти он тибки Низомномаи аз тарафи Хукумати Чумхурии Точикистон тасдикгардида ба танзим дароварда мешавад, амалӣ мегардад.

**Бобби II**

**Пешгирӣ, ташхис ва муоинаи шахсони сироятшудаи** вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният

**.**

**Моддаи 6. Хукук ба пешгирии** вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният

Ба шахрвандони Чумхурии Точикистон шахрвандони хоричӣ, гурезахо, мухочирони ичборӣ ва шахсони бешахрванд кафолати хукукхои зерин дода мешавад:

- *барои мунтазам* гирифтани ахбороти пурра ва босифат дар бораи усулхои сирояти вируси норасоии масунияти одам ва тарзхои пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният;

- муоинаи пешгирикунанда бо риояи усулхои махфӣ, пинхонӣ ва ихтиерии ташхис тибки тартиби мукаррарнамудаи Вазорати тандурустии Чумхурии Точикистон;

- барои азназаргузаронӣ бо максади ошкор сохтани мубталошавӣ бо вируси норасоии масунияти одам ва азназаргузаронии тиббии ихтиёрӣ ва пинхонӣ дар муассисахои тиббӣ новобаста аз шакли моликият;

- барои гирифтани ахборот дар бораи натичахои азназаргузаронӣ ва тавсияхо оид ба пешгирии сирояти вируси норасоии масунияти одам;

- барои дар асоси доимӣ гирифтани ахборот дар бораи пешгирии *вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният*

,

барномахо ва хизматрасонӣ оид ба пешгирӣ, хукукхои инсон вобаста ба сирояти вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният, инчунин табобат, кӯмак ва дастгирии шахсоне, ки мубталои

вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният мебошанд.

- баргузор намудани чорабинихои маърифатию оммавӣ, аз чумла вохӯрихо, семинархо, аксияхо ва таъсиси махфилхои пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар байни ахолӣ.

Ба гурӯххои осебпазири ахолӣ иттилооти махсус ва хизматрасонихое, ки ба тагйиребии рафтори таваккалӣ равона шудаанд, дода мешавад. Ин хукук бо кӯмаки тиббӣ, бунёди шабакаи кофии муассисахо барои пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният ва муоличаи беморон таъмин карда мешавад.

Чорахоро оид ба мубориза ба вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният Вазорати тандурустии Чумхурии Точикистон, макомоти он дар махалхо, инчунин дигар  макомоти давлатӣ, корхонахо, муассисахо ва ташкилотхо амалӣ мегардонанд.

Бо максади пешгирии пахншавии вируси норасоии масунияти одам, бемории пайдошудаи норасоии масуният ва дигар беморихое, ки ба воситаи хун мегузаранд, Вазорати тандурустии Чумхурии Точикистон якчоя бо Вазорати адлияи Чумхурии Точикистон барномаи пешноход кардани иттилоот ва баргузор намудани корхои маърифатиро дар муассисахои низомӣ ичрои чазои чиноятӣ тахия ва тадбик менамоянд.

Моддаи 6[1]. Афзалиятнокии пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният.

Пешгирии вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар Чумхурии Точикистон яке аз самтхои афзалиятнок дар фаъолияти макомоти хокимияти давлатӣ ба хисоб меравад.

ӣн амал ба усулхои башардустӣ ва риояи хукуки инсон асос ёфта, мутобики тартиби муррарнамудаи Вазорати тандурустии Чумхурии Точикистон бо назардошти тавсияхои макомоти махсусгардонидашудаи СозмониМилали Муттахид татбик мешавад.

Дар Чумхурии Точикистон ташкилот ва муассисахои сохаи тандурустӣ, маориф ва ичтимоӣ, новобаста аз шакли ташкилию хукукиашон, гурӯххои ташаббускор ва шахрвандони алохида субъектхои пешгирикунандаи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният ба хисоб меравад.

**Моддаи 7. Азназаргузаронии тиббӣ**

Азназаргузаронии тиббӣ дар муассисахои давлатӣ ё хусусии нигахдории тандурустӣ, ки ба онхо бо тартиби мукарраркардаи конунгузории Чумхурии Точикистон ичозатнома дода шудааст, гузаронда мешавад. Азназаргузаронии хатмии тиббӣ бояд махфӣ сурат гирад.

Азназаргузаронии тиббии ихтиёрӣ ва пинхонӣ ба истиснои холатхое, ки моддаи 9 Конуни мазкур пешбинӣ кардааст гузаронда мешаванд.

Шахсе, ки аз азназаргузаронии тиббӣ мегузарад, хукук дорад дар ин маврид намояндаи конунии ӯ иштирок намояд.

Азназаргузаронии тиббии ноболигон ва шахсоне, ки ба тартиби мукарраркардаи конун корношоям эътироф шудаанд, мумкин аст бо хохиш ё розигии намояндагони конунии онхо гузаронда шавад ва онхо хукук доранд хангоми гузарондани азназаргузаронии тиббӣ иштирок намоянд.

Натичахои азназаргузаронӣ ба шахси аз азназаргузаронӣ гузашта ё намояндаи конунии ӯ бо тартиби мукарраркардаи Хукумати Чумхурии Точикистон дода мешавад.

Шахсе, ки аз азназаргузаронии тиббӣ гузаштааст, хукук дорад дар хамин муассиса, инчунин дар муассисаи дигари системаи давлатии нигахдории тандурустӣ новобаста аз мӯхлати гузаштаи азназаргузаронӣ аз азназаргузаронии такрории тиббӣ гузарад.

Тартиби азназаргузаронии тиббӣ ба максади ошкор сохтани сирояти вируси норасоии масунияти бадан, бахисобгирӣ, муоинаи тиббии сироятшавӣ ба вируси норасоии масунияти одам ва муоинаи пешгирӣ ба онхоро Хукумати Чумхурии Точикистон муайян мекунад.

Ба шахсе, ки сирояти вируси норасоии масунияти одам дар вай ошкор шудааст, дар бораи кафолатхои давлатӣ, хукуку озодихо ва масъулият, ки ба зиндагӣ бо сирояти вируси норасоии масунияти одам алокаманд аст, инчунин дар бораи умури дастгирии ичтимоию равоншиносӣ ва гурӯххои кӯмаки якдигарии ба шахсони сирояткардаи вируси норасоии масунияти одам ахбороти пурра дода мешавад.

### Моддаи 8. Азназаргузаронии ихтиёрии тиббӣ

Барои шахрвандони Чумхурии Точикистон, шахрвандони хоричӣ ва шахсони бешахрванд, ки дар каламрави Чумхурии Точикистон зиндагӣ мекунанд ё карор доранд, азназаргузаронии тиббӣ ба тарики ихтиёрӣ, пинхонӣ, аз чумла номаълум дар муассисахои махсусгардонидашудаи тиббӣ бо хохиш ё розигии хамин шахсон гузаронда мешавад.

### Моддаи 9. Азназаргузаронии хатмии тиббӣ

Донорхои хун, моеъхои биологӣ, узвхо ва бофтахои бадан аз азназаргузаронии хатмии тиббӣ гузаронда мешаванд.

Шахсоне, ки азназаргузаронии хатмии тиббиро рад кардаанд, донори хун, моеъхои биологӣ, узвхо ва бофтахои бадан буда наметавонанд.

Шахсони алохида аз рӯи нишондодхои эпидемиологӣ, ки Хукумати Чумхурии Точикистон муайян мекунад, аз азназаргузаронии хатмии пинхонӣ барои сироятӣ вируси норасоии масунияти одам гузаронда мешаванд.

Шахрвандони хоричие, ки ба Чумхурии Точикистон ба мӯхлати зиёда аз се мох барои кор, тахсил, икомати доими ё дигар максадхо меоянд, дар муддати дах рузи баъди омаданашон ба истисноии шахсоне, ки бо шаходатномаи муоинаи бемории вируси норасоии масунияти одам ва беморӣ пайдошудаи норасоии масуният омадаанд, аз азназаргузаронии тибби гузаранд.

Шахсоне, ки дархости дар хусуси гуреза дониста шудани онхо ба кайд гирифта шудааст, тибки тартиби мукарракардаи макомоти тандурустӣ аз азназаргузаронии хатмии тиббӣ бояд гузаранд.

Кормандони дипломатии намояндагихои хоричии дипламатӣ ва муассисахои консулӣ, инчунин шахсоне, ки дар каламрави Чумхурии Точикистон аз имтиёзхо ва масунияти дипломатӣ  истифода мебаранд, мумкин аст барои ошкор сохтани вируси норасоии масунияти бадан факат бо розигии онхо пинхонӣ аз азназаргузаронӣ гузаронида шаванд.

Кисми хафтум хорич шуд.

## Моддаи 10. Муоинаи тиббии шахсони сироятшудаи вируси норасоии масунияти одам

Муоинаи тиббӣ шахрвандони Чумхурии Точикистон, шахрвандони хоричӣ, гурезахо, мухочирони ичборӣ ва шахсони бешахрванд, ки дар каламрави Чумхурии Точикистон зиндагӣ мекунанд ё карор доранд ва сирояти мубталои вируси норасоии масунияти одам мебошанд (дорандагони вирус ва беморон), танхо бо максадхои эпидемиологӣ ва дар ассоси пинхонӣ дар муассисахои дахлдори давлатии системаи нигахдории тандурустӣ бо тартиби мукарраркардаи Вазорати тандурустии Чумхурии Точикистон гузаронда мешавад.

Маълумоти бадастовардаи Вазорати тандурустии Чумхурии Точикистонро ба дигар сохторхои марбута додан, ба истиснои холатхои мукаррарнамудаи карори суд ва ё бо дархости макомоти тафтишотӣ бо максадхои таъкиби чиноятӣ ва маъмурии шахсон истифода бурдан мумкин нест.

## Моддаи 11. Риояи сирри духтурӣ

Маълумот дар бораи сирояти вируси норасоии масунияти бадан ё бемории **пайдошудаи норасоии масуният**

шудани ин ё он шахс сирри хизматиро ташкил медихад ва онро Конун хифз мекунад.

**Бобби III**

**Хукук ва хифзи ичтимоии шахсони сироятшудаи** вируси норасоии масунияти одам**, беморони бемории пайдошудаи норасоии масуният ва аъзои оилахои онхо**

**Моддаи 12. Хукукхои шахсони сирояткардаи** вируси норасоии масунияти одам **ва беморони бемории пайдошудаи норасоии масуният**

Шахсони сироятшудаи вируси норасоии масунияти бадан ва беморони **бемории пайдошудаи норасоии масуният**
дорои чунин хукукхоянд:

- муносибати инсондӯстонаи чамъият, ки паст задани шаъну эътибори инсонро истисно менамояд;

- талаб кардани махфӣ нигох доштани маълумотхо дар бораи вазъи саломатии худ, агар шароит ва хусусияти хаёту мехнати онхо хатари сирояти ин вируси норасоии масунияти баданро ба дигарон ба вучуд наоварад. Додани иттилоот оид ба вазъи саломатии шахсони гирифтори чунин беморихо бе розигии онхо танхо бо карори суд ё дархости макомоти тафтишотӣ имкон дорад.

- чуброни зараре, ки бинобар фош кардани ахборот дар бораи ба он шахсон сироят кардани вируси норасоии масунияти бадан расонда шудааст;

- фаъолияти касбӣ аз рӯи ихтисоси интихобкарда, ба истисноӣ кор аз рӯи ихтисосхо ва дар вазифахое, ки бо рӯйхати махсус мукаррар шудаанд;

- хамаи намудхои кумаки ройгони тахасуссӣ ва махсусгардонидашудаи тиббӣ, инчунин таъмини доруворӣ.

- ба химоя аз табъиз (дискриминатсия), аз чумла хангоми дастрасӣ ба табобат;

- ба иштироки фаъолона дар муайян карданимаксадхои табобат, аз чумла вакт ва тарзи табобат ва хотима ёфтани он.

Истифодаи шахсони сирояткардаи ВИЧ ба сифати объектхои санчиши тиббии воситахо ва усулхои омӯзиши илмӣ ё раванди таълим манъ аст.

Дар муассисахои муоличавӣ ба рад кардани кабул ва расонидани кӯмаки таъчилӣ ба шахсони мубталои вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният рох дода намешавад.

**Моддаи 13. Маъни махдудкунии хукуки шахсони сироятшудаи** вируси норасоии масунияти одам

Аз кор озод кардан, рад кардани кабул ба кор ва кабул ба муассисахои тахсилотӣ ва муассисахои тиббие, ки хизмат мерасонанд, инчунин махдуд намудани дигар хукук ва манфиатхои конунии шахсони сирояткардаи вируси норасоии масунияти одам бо назардошти дар онхо мавчуд будани сирояти вируси норасоии масунияти одам, хамчунин махдуд кардани хукукхои манзилӣ ва дигар хукуку манфиатхои конунии аъзои оилахои шахсони сирояткардаи вируси норасоии масунияти одам рох дода намешавад.

Истифодаи шахсони сироятшудаи вируси норасоии масунияти одам ба сифати объектхои санчиши тиббии воситахо ва усулхои омӯзиш илмӣ ё раванди таълим манъ аст.

Табъиз (дискриминатсия) дар асоси сирояти вируси норасоии масунияти одам манъ аст.

Дар асоси сирояти вокеи ва ё эхтимолии вируси норасоии масунияти одам содир намудани хама гунна харакати оммавӣ бо максади барангехтани кинаву адоват ва пахн намудани муносибати нафратовари шахс ва ё гурӯхи ахолӣ амали гайриконунист.

Хама гунна махдудкунии хукук ва озодихои одамоне, ки мубталои вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният мебошанд, танхо бо максади таъмини солимии чомеа, хукук ва озодии дигарон раво диниста мешаванд.

Моддаи $14^1$. Кӯмаки тиббӣ ва чорахои дорои хусусияти пешгирикунанда дар муассисахои низоми ичроӣ чазои чиноятӣ

Шахсе, ки зимни ташхиси ӯсирояти вируси норасоии масунияти одам мусбат майян шудааст, хангоми дар чойхои аз озодӣ махрум ё хабси пешакӣ карор доштан хукуки гирифтани кӯмаки тиббии дахлдор, машварат ва фиристода шудан ба дигар амоти мададрасонро дорад.

Махбусон ва боздоштшудагон ба ташхиси ройгони махфӣ сирояти вируси норасоии масунияти одам ва ба машварат дар асоси розигии огохона, инчунин барои гирифтани маълумот оид ба вазъисаломатиашон хукук доранд. Маълумот оид ба вазъи саломатӣдар хуччатхое нигох дошта мешавад, ки он танхо барои кормандони тиб дастрас буда, фат бо розигии худи махбус ва ё дар холати зарурати таъмини бехатарии дигар махбусон ва кормандони зиндонхо бояд ошкор шавад.

Табъизи (дискриминатсияи) махбусон дар асоси сирояти вируси норасоии масунияти одам манъ аст.

**Моддаи 14. Кӯмаки тиббӣ ва ичтимоию равоншиносӣ ба шахсони**

**мубталои** вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният

Кӯмаки тиббӣ ба шахсони мубталои вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар муассисахои давлатии нигахдории тандурустӣ, ки ичозатномаи(литсензияи) дахлдор доранд, расонида мешаванд.

Хамаи намудхо кӯмаки тиббӣ ба шахсони мубталои вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар асосхои умумӣ, аз рӯи нишондиодхои клиникӣ расонда мешавад.

Хамаи намудхои кӯмаки тахасуссӣ ва махсусгардонидашуда, аз чумла кӯмак бо доруворӣ, ба шахсони мубталои вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният аз чониби муассисахои давлатии нигахдории тандурустӣ ройгон расонда мешавад.

Бо шахсони мубталои вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният кӯмаки ичтимоию равоншиносӣ дар муассисахои давлатӣ ва хусусии нигахдории тандурустӣ, маориф, хифзи ичтимоӣ, ки ичозатномаи (литсензияи) дахлдор доранд, дар хамкорӣ бо ташкилотхои чамъиятӣ ва намояндагони чомеаи мубталои вируси норасоии масунияти одам кор мекунанд, расонда мешавад.

**Моддаи 15. Хифзи ичтимоии шахсони мубталои** вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният
**ва аъзои**

**оилахои онхо**

Макомоти идораи хифзи ичтимоӣ дар хамкорӣ бо макомоти идораи тандурустӣ, маориф, мехнат ва шугли ахолӣ барномахоро оид ба дастгирии ичтимоии шахсони мубталои вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният ва аъзои оилахои онхо, аз чумла таъин кардан ва пардохтани нафакаю кӯмакпулихо, расондани кӯмаки ичтимоию маишӣ, расондани кӯмак барои гирифтани тахсилот, аз нав тайёркунӣ ва ба кор таъминкунӣ тахия ва татбик менамоянд.

Макомоти идораи маориф, тандурустӣ ва хифзи ичтимоӣ барномахои дастгирии ичтимоии кӯдаконеро, ки дар натичаи сирояти вируси норасоии масунияти одам ятим ё бепарастории волидон мондаанд, тахия ва татбик мекунанд.

Ба шахсоне, ки сирояти онхо дар натичаи амалиётхои тиббии бо тартиби расмӣ ичрошуда сурат гирифтааст, таъминоти нафакавӣ ва хукук барои дар навбати аввал гирифтани манзил дар сурати набудани он ё зарурати бехсозии шароити манзилӣ бо тартиби муайянкардаи конунгузорӣ мукаррар карда мешавад.

Барои кӯдакони то 16-сола, ки гирифтори вируси норасоии масунияти бадан ё бемории пайдошудаи норасоии масуният мебошанд, дар хачми ду маоши хадди акали хармоха кӯмакпулии давлатӣ таъин карда мешавад.

Тартиби додани кӯмакпулихо ва манбаи пардохти онхоро Хукумати Чумхурии Точикистон муайян мекунад.

Вазорати маорифи Чумхурии Точикистон якчоя бо Вазорати тандурустӣ таълими кӯдакон ва наврасонеро, ки гирифтори вируси норасоии масунияти бадан ё бемории пайдошудаи норасоии масуният буда, дар муассисахои тандурустӣ ё шароити хона карор доранд, аз рӯи барномахои махсуси мактаби тахсилоти умумӣ таълимдихиро ташкил менамоянд.

## **Моддаи 16. Хукуки волидоне, ки кӯдакони онхо гирифтори вируси норасоии масунияти бадан ва** беморuи пайдошудаи норасоии масуният **мебошанд**

Волидони кӯдаконе, ки сирояткардаи вируси норасоии масунияти бадан ё бемории пайдошудаи норасоии масуният мебошанд ва шахсоне, ки онхоро иваз менамоянд, дорои чунин хукукхоянд:

- дар беморхонахо хамрохи кӯдакон (то 14-сола) бошанд ва дар ин давра аз кор озод карда шуда, ба онхо барои корношоямии муваккатӣ кӯмакпулӣ дода мешавад;

- дар холати аз кор озод кардан бинобар нигохубини кӯдаки то 16-сола ба яке аз волидон бетанаффусии собикаи мехнатӣ барои пардохти кӯмакпулӣ барои корношоямии муваккатӣ нигох дошта шавад, ба шарте, ки то ба синни зикрёфта расидани кӯдак ба кор дохил шавад;

- рафту омади ройгони яке аз волидон ё дигар намояндаи конунии кӯдаки то 18-сола хангоми ба чои табобат бурда овардани ӯ.

Модароне, ки кӯдаки то 16-солаи аз вируси норасоии масунияти бадан зарардида доранд ё бемории пайдошудаи норасоии масуният мебошад, барои гирифтани рухсатии харсола дар тобистон ё вакти дигари барояшон мувофик хукук доранд. Дар сурати набудани модар ва чунин кӯдакро тарбия кардани падар ё шахси дигар ин хукук ба хамин шахсон дода мешавад.

**Моддаи 17. Чуброни зараре, ки ба саломатии шахсони аз вируси**

□□□□□□□□□□□□□□□□□□□□□□**норасоии масунияти бадан зарардида расонда шудааст**.

Чуброни зараре, ки ба шахсони аз вируси норасоии масунияти бадан зарардида дар натичаи нодуруст ичро намудани вазифахои хизматӣ аз чониби кормандони тиббии муассисахои хизматрасонии тиббӣ расонда шудааст, бо тартиби мукарраркардаи конунгузори Чумхурии Точикистон сурат мегирад.

**Бобби IV**

**Хифзи ичтимоии кормандоне, ки дучори хатари касбии сирояти** вируси норасоии масунияти одам
**мебошанд**

**Моддаи 18. Ба бемории касбӣ мансуб донистани** бемории пайдошудаи норасоии масуният

Дар вакти ичрои вазифахои хизматӣ ба сирояти вируси норасоии масунияти одам гирифтор шудани кормандони тиббӣ, фармасевтӣ ва дигар кормандони хангоми дар

вакти ичрои вазифахои хизматӣ ба гурӯхи беморихои касбӣ мансуб дониста шаванд.

**Моддаи 19. Хифзи ичтимоии кормандоне, ки дучори хатари касбии**

□□□□□□□□□□□□□□□□□□□□□**сирояти** вируси норасоии масунияти одам **мебошанд.**

Кормандоне, ки бо расондани кӯмаки тиббӣ ба ахолӣ, гузарондани тадкикоти озмоишгохӣ ё илмӣ вобаста ба масъалахои вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният.

ва истехсоли дорувории вирусӣ машгуланд, инчунин донорхо, кормандони хадамоти ичтимоӣ ва дигар шахсоне, ки бахри расондани кӯмак ба шахсони сирояткардаи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният чалб шудаанд, барои холатхои сирояти вируси норасоии масунияти одам хангоми ичрои вазифаи хизматӣ, инчунин бинобар хамин маъюбшавӣ ва фавтидан аз бемории пайдошудаи норасоии масуният

сугуртаи хатмии давлатӣ карда мешаванд.

Тартиби сугуртаи хатмии ин гурӯхи кормандонро Хукумати Чумхурии Точикистон муайян

мекунад.

Маъмурияти муассисахои тиббӣ, ки кормандони онхо барои сирояти вируси норасоии масунияти одам тахкикоти ташхисӣ мегузаронанд, бо шахсони сирояткардаи ВИЧ ва бемории бемории пайдошудаи норасоии масуният кӯмаки тиббӣ мерасонанд, инчунин бо хун ва дигар маводи шахсони сирояткарда сарукор доранд, ӯхдадоранд ин кормандонро бо воситахои зарурии мухофизат ва муоинаи мунтазами онхоро бо максади ошкор сохтани сирояти вируси норасоии масунияти одам таъмин намоянд.

**Моддаи 20. Хукуки кормандони тиббие, ки гирифтори сирояти** вируси норасоии масунияти одам **ва** бемории пайдошудаи норасоии масуният **мебошанд.**

Кормандони тиббие, ки дар натичаи бо тартиби маъмулӣ ичро намудани вазифаи хизматӣ ба онхо вируси норасоии масунияти бадан сироят кардааст ё бемории пайдошудаи норасоии масуният шудаанд, дорои чунин хукукхоянд:

- дар навбати аввал бехтар кардани шароити манзилӣ бо тартиби муайянкардаи конунгузорӣ;

- нафака аз рӯи синну сол бо шартхои имтиёзнок, дар мавриди фавтидани онхо аз бемории пайдошудаи норасоии масуният пардохт кардани нафака дар хачми 100 хакки музди кор ба аъзои корношоями оила ва кӯдакони онхо то расидан ба синни балогат;

- рухсатии харсолаи давомнокиаш на камтар аз 36 рӯзи корӣ бо истифодаи он дар тобистон ё дигар вакти ба онхо мувофик;

- табобати харсола дар муассисахои муоличавию истирохатӣ новобаста аз тобеияти идоравии онхо;

- чуброни зарар, ки  хачм ва тартиби онро конунгузорӣ мукаррар мекунад.

Дар сурати сироят кардани вируси норасоии масунияти одам хангоми ба кадри лозимӣ ичро накардани вазифаи хизматӣ, дар натичаи вайрон намудани коидахо ва меъёрхои бехатарӣ бо гунохи корманд, хукуки ӯро барои чуброни зарар конунгузорӣ муайян менамояд.

**Моддаи 21. Имтиёзхо дар сохаи мехнат**

Кормандоне, ки бо расондани кӯмаки тиббӣ, ичтимоӣ ва дигар кӯмак ба шахсони мубталои вируси норасоии масунияти одам ё бемории пайдошудаи норасоии масуният, ташхиси озмоишгохии сирояти вируси норасоии масунияти одам, гузаронидани тадкикоти илмӣ бо истифодаи маводи сирояткарда, истехсоли маводи биологӣ барои ташхис, инчунин муолича ва пешгирии бемории пайдошудаи норасоии масуният  машгула

нд, дорои чунин хукукхоянд:

- баромадан ба нафака мутобики руйхати №1 истехсолот, корхо, ихтисосхо, вазифахо ва нишондихандахои корхои зеризаминӣ, кор дар шароити махсусан вазнин, ки машгул будан бо онхо ба нафака аз рӯи синну сол бо шартхои имтиёзнок хукук медихад;

**-**иловапулӣ ба музди кор дар хачми 100-фоизи он;

-рухсатии харсолаи давомнокиаш то 48 рӯзи корӣ;

-рӯзи кори кӯтох(рӯзи кори 6 соата).

**Бобби V**

**Коидахои хотимавӣ**

**Моддаи 22. Хамохангсозӣ, мониторинг ва арзёбии самаранокии муковимат бо** вирус и норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният.

Хамохангсозии амалиёт оид ба муайян намудани афзалиятхои муковимат ба пахншавии вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният, тахияи барномахо ва накшахои фаъолият, тайёр кардани накшахои молиявӣ, амалӣ гардонидани мониторинг ва арзёбии самаранокии фаъолият дар хамаи зинахо аз чониби Кумитаи миллии хамохангсозӣ, ки намояндагони макомоти ичроияи хокимияти давлатӣ ва конунгузорӣ, ташкилотхои чамъиятӣ, чомеъаи шахсони сирояткардаи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният ва дигар муассиса, ташкилоту корхона, ки дар фаъолияти муковимат ба вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар зинахои дахлдор фаъолона ширкат меварзанд, анчом дода мешавад.

Мониторинги татбики накшаю барномахо, арзёбии самаранокии фаъолият оид ба пахншавии вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар дарачаи миллӣ ва минтакавӣ, дар асоси доимӣ аз чониби гӯруххои корӣ ва муассисахои дарачаи дахлдор, ки комиссияи байнисохавии дахлдор ваколатдор намудааст, амалӣ гардонда мешавад.

Ахборот дар бораи натичахои мониторинг, пахншавии вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният татбики накшахо ва барномахо, инчунин арзёбии самаранокии фаъолият оид ба мукобилат ба пахншавии вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният, аз чумла дар доираи шартномахои байналмилалӣ сари вакт дар воситахои ахбори омма пурра чоп карда мешавад.

**Моддаи 23. Хамкории байнисохавӣ дар муковимат бо** вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният.

Хамаи муассисахои маориф ба накшахои таълимӣ ва фаъолияти таълимию тарбиявӣ, масъалахои таргиби тарзи хаёти солимро ворид намуда, ба хонандагон дар бораи роххои сирояти вируси норасоии масунияти одам ва усулхои пешгирии вируси норасоии

масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният ахбороти пурра, босифат ва дастрас медиханд.

Муассисахои давлатии маориф ва хифзи ичтимоӣ дар хамбастагӣ бо муассисахои тандурустӣ ва вохидхои макомоти хифзи тартиботи чамъиятӣ, дар хамкорӣ бо ташкилотхои чамъиятӣ барномахои пешгирии сирояти вируси норасоии масунияти одам -ро барои кӯдакон ва наврасони бепарастор тахия ва татбик мекунанд.

Муассисахои давлатии тандуристӣ якчоя бо муассисахое, ки ба муомилоти гайриконунии маводи нашъадор назорат мекунанд, дар хамкорӣ бо ташкилотхои чамъиятӣ барномахои пешгирии сирояти ВИЧ-ро барои истеъмолгарони инъексионии моддахои нашъадор ва дигар гурӯххои ноустувор тахия намуда, амалӣ мегардонанд.

**Моддаи 24.Масъулият барои вайрон кардани Конуни мазкур.**

Вайрон кардани конуни мазкур боиси бо тартиби мукаррарнамудаи конунгузорӣ ба чавобгарии интизомӣ, маъмурӣ, чиноятӣ ва гражданӣ-хукукӣ кашидан мегардад.

**Моддаи 25. Масъулияти шахсони сирояткардаи ВИЧ.**

Дидаю дониста зери хатари сироят гузоштан ё сироят кунондани шахси дигар (ё якчанд шахс) бо вируси норасоии масунияти бадан аз чониби шахсе, ки ба сирояти вируси норасоии масунияти одам гирифтор буданашро медонад, боиси чавобгарии чиноятии мукараркардаи конунгузории Чумхурии Точикистон мегардад.

Шахси гунахгор инчунин зарареро ки бинобар расонидани кӯмаки тиббӣ ва ичтимоӣ ба шахси сироятшуда расондааст, бо тартиби мукараркардаи конунгузории Чумхурии Точикистон чуброн мекунад.

**Моддаи 26. Масъулияти кормандони тиббӣ.**

Кормандони муассисахои тандурустӣ, ки ба вазифаи касбии худ муносибати бепарвоёна мекунанд ва ин боиси ба шахси дигар (ё як-чанд шахс) сироят кардани вируси норасоии масунияти одам гардидааст, мутобики конунгузории Чумхурии Точиикистон ба чавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 27. Хамкории байналмиллалӣ**.

Хамкории байналмиллалӣ дар муковимат ба пахншавии вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният, дар доираи барномахои дахлдори байналмиллалӣ ва дигар санадхои хукукии байналмиллалии эътирофнамудаи Чумхурии Точикистон, аз чумла дар сохаи мубодилаи донишхо ва тачрибаи андӯхта оид ба масъалаи хифзи хукуки инсон вобаста ба вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният, инчунин ба вучуд овардани механизмхои хифзи хукуки инсон зимни вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар сатхи миллӣ ва байналмилаллӣ амалӣ гардонида мешавад.

**Моддаи 28. Аз эътибор сокит донистани Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи пешгирии бемории** пайдошуда
и норасоии масуният
**(аломати норасоии масунияти бадан)»**

□□□□□□□□□□□Конуни Чумхурии Точикистон аз 27 декабри соли 1993 «Дар бораи пешгирии бемории пайдошудаи норасоии масуният (аломати норасоии масунияти бадан)» (Ведомости Советии Олии Чумхурии Точикистон, соли 1994, №2, моддаи 34; Ахбори Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон соли 1996, №3, моддаи 48, соли 1997, №23-24 моддаи 333) аз эътибор сокит дониста шавад.

□□□□□□□□□□□**Моддаи 29. Мавриди амал карор додани Конуни мазкур.**

Конуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал карор дода шавад.

